ШАРТНОМАИ № 536476

Аз «5» майи соли 2025 *ш. Душанбе*

Аз як тараф **Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роху кӯпрукҳои шаҳри Душанбе»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе** (минбаъд «Фармоишгар»), суроғa: шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев 3 ва аз тарафи дигар **Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муҳандисони роҳнамо»** (минбаъд «Лоиҳакаш») суроғa шаҳри Душанбе, хиёбони Ҷ. Расулов 9/1.

Барои иҷрои кор: Корҳои ҷустуҷӯй-лоиҳакашии иншооти «Сохтмони гузаргоҳҳои болоизаминӣ дар кӯчаи А.Қаҳҳоров» дар шаҳри Душанбе.

Ба маблаги умумии **479893 (чорсаду ҳафтоду нуҳ ҳазору ҳаштсаду наваду се)** сомонӣ.

Ба шартномаи мазкур Фармоишгар ва Лоиҳакаш ба чунин мувофиқа омаданд:

Қисми 1. ТАЛАБОТҲОИ УМУМИИ ШАРТНОМА

Моддаи 1. Муқарароти умумӣ

1.1.1.Муқарарот.

1.1.2.«Фармоишгар» - ташкилоти харидор, ки Лоиҳакашро барои иҷрои кор дар иншоот (лоиҳакашӣ) киро мекунад.

1.1.3.«Лоиҳакаш» - шахси ҳуқуқӣ ё воқеиеро меноманд, ки пешниҳоди тендериаш барои корҳои лоиҳакашии иншоот дар асоси Протоколи №536476 Портали ягонаи ҷаласаи комиссияи тендерӣ аз 29 апрели соли 2025 ғолиб эълон шудааст.

1.1.4.«Лоиҳакаши ғайриасосӣ»- шахси ҳуқуқӣ ё воқеиеро меноманд, ки барои қисман иҷро намудани кор бо Лоиҳакаши асосӣ шартнома мебандад.

1.1.5.«Назорати техникӣ» - шахсе, ки Фармоишгар онро таъин намуда ба Лоиҳакаш дар хусуси ӯ хабар додааст ва ӯ ба сифати иҷрои корҳо ҷавобгар буда иҷрои шартҳои шартномаро назорат мекунад.

1.1.6.«Лоиҳа» - маҳсули илмӣ-техникие мебошад, ки Лоиҳакаш бояд корҳои ҷустуҷӯй-лоиҳакаширо иҷро намуда, баъди анҷом онро мувофиқи шартҳои шартнома ба Фармоишгар супорад.

1.1.7.«Қитъа» - мавзее мебошад, ки барои лоиҳакашии оншоот ё истеҳсолот ҷудо карда мешавад.

1.1.8.«Пешниҳоди тендерии фармоишгар» - ҳуҷҷатҳои пуркардашуда, ки аз тарафи Лоиҳакаш ба комиссияи озмунӣ пешниҳод карда мешавад.

1.1.9.«Арзиши асосии шартнома»- арзиши шартнома мебошад, ки аз тарафи комиссияи тендерӣ дар протокол оиди ақбул намудани пешниҳоди тендерии Лоиҳакаши асосӣ нишон дода шудааст.

1.1.10. «Шартнома»-ин мувофиқаи байни Фармоишгар ва Лоиҳакаш барои корҳои ҷустуҷӯй-лоиҳакашӣ, ки ҳамаи мувофиқа ва шартномаҳои пешинаи хаттӣ ва даҳониро иваз менамояд. Ҳамаи тағйирот ва иловаҳо ба шартнома баъд аз имзо расонидани он мумкин аст бо тариқи истисно бо риояи тартиби муқарраргардида сурат гирад. Шартнома набояд тавре шарҳ дода шавад, ки муносибатҳои шартномавиро ба вуҷуд орад.

а) Байни Лоиҳакаш ва Пудратчӣ;

б) Байни Фармоишгар ва Лоиҳакаши ғайриасосӣ, инчунин байни дигар шахсон ва ташкилотҳои аз Лоиҳакаш ё Фармоишгар вобаста буда.

1.1.11. «Шаҳодати пулӣ барои пардохт» - (нақшаро иҷро кардан) ҳуҷҷати пардохт барои иҷрои корҳо дар муддати муайян.

1.1.12. «Иншооти муваққатӣ» - ин ҳамаи иншоот ва биноҳои муваққатие мебошанд, ки барои сохтмон ва васли сохтмон заруранд.

1.1.13. «Нақша»-ҳуҷҷате мебошад, ки дорои лоиҳа ва тарҳи зарурӣ буда, инчунин дорои ахбороти зарурии тасдиқнамудаи мақомоти дахлдор мебошад. Фармоишгар ба Лоиҳакаш ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро ба таври ройгон пешниҳод менамояд.

1.1.14. «Санаи саршавии кор» - ин санаи дар шартнома дарҷгардида мебошад.

1.1.15. «Мӯҳлати давомнокии корҳои лоиҳакашӣ»- ин мӯҳлатест, ки дар давоми он Лоиҳакаш бояд корҳои дар шартнома нишондодашударо ба анҷом расонад.

1.1.16. «Рӯзҳо» - ин рӯзҳои таҳвимӣ, «Моҳҳо» - ин моҳҳои таҳвимӣ мебошанд.
1.1.17. «Рад кардан» - ин тағйирот даровардан аз тарафи Фармоишгар дар вақти тайёр намудани пешниҳоди тендерӣ мебошад.
1.1.18. «Тағйирот» - ин аз тарафи Фармоишгар даровардани тағйирот баъд аз имзои шартнома мебошад.
1.1.19. «Нуқсон»- қисми корҳо, ки бо вайрон кардани талаботи шартнома иҷро карда шудааст.
1.1.20. «Давраи барқарор намудани нуқсон ва камбудӣ» - ин давраи бартараф намудани нуқсон ва камбудӣ, ки дар вақти тафтиши корҳо ошкор карда шудаанд.

1.2. Муоширати расмии «Фармоишгар» ва «Лоиҳакаш».
1.2.1.Муоширати расмии байни Фармоишгар ва Лоиҳакаш ба масъалаи лоиҳакашӣ дахлдошта танҳо ба роҳи хаттӣ амалӣ мегардад.

1.3. «Лоиҳакаш».
1.3.1.«Лоиҳакаш» - ин шахс ё ташкилоти бо шартнома эътирофшуда ва дар ҳуҷҷатҳои шартномавӣ нишондодашудае аст, ки ягона мебошад. Истилоҳи «Лоиҳакаш» маънои Лоиҳакаш ё шахси ваколатдори ӯро дорад.

1.4. «Лоиҳакаши ғайриасосӣ».
1.4.1.«Лоиҳакаш» метавонад танҳо бо розигии хаттии Фармоишгар бо Лоиҳакашони ғайриасосии ташкилотҳо шартнома бандад вале иншоотро ба у супорида наметавонад.
1.4.2.Лоиҳакаши ғайриасосӣ бе розигии хаттии Фармоишгар бо шахси сеюм шартнома баста наметавонад. Шумораи Лоиҳакашони ғайриасосӣ шартҳои шартномаи байни Фармоишгар ва Лоиҳакашро тағйир дода наметавонад.

1.5. Лоиҳакашони дигар.
1.5.1.Дар сурати қарор доштани зиёда аз як Лоиҳакаши ғайриасосӣ, Лоиҳакаш бояд кори худро бо онҳо мувофиқа намояд.

1.6. Кадрҳо.
1.6.1.«Лоиҳакаш» ба вазифаҳои асосӣ кормандонеро, ки дар «маълумот оиди ихтисос» дарҷ гардидаанд киро мекунад. Дар сурати иваз намудани онҳо Лоиҳакаш бояд розигии Фармоишгарро гирад. Ихтисоси кормандони нав бояд баробар ва ё баландтар аз маълумоти кормандони дар «маълумот оиди ихтисос» нишондодашуда бошад.
1.6.2.Агар Фармоишгар аз Лоиҳакаш бо нишон додани сабаб хоҳиш намояд, ки ягон корманд ва ё корманди Лоиҳакаши ғайриасосиро аз иншоот хориҷ намояд, пас Лоиҳакаш вазифадор аст дар давоми 72 соат ин кормандро аз иншооти сохтмонӣ хориҷ намояд ва ин шахс дар иҷрои шартнома бояд ягон алоқамандӣ надошта бошад.

1.7. Таваккали Лоиҳакаш.
1.7.1.«Лоиҳакаш» барои ҳамаи таваккали вобаста ба зарар ва ё зарари ба амволи Фармоишгар расонидашуда, ки дар рафт ва иҷроиши шартнома ба амал меояд ҷавобгар мебошад.

1.8. Барқароркунии зарар.
1.8.1.Тарафҳо барои расонидани зарар, хароҷоти даъво барои зарар, расонидани зарар ба саломатӣ ва марги одамон, ки натиҷаи амалиёти якҷоя ё саҳлангорӣ мебошад ҷавобгар буда, товони зарарро ба тарафи дигар пардохт менамоянд.

1.9. Истифодабарии иншоот
1.9.1. Фармоишгар бояд ба Лоиҳакаш иҷозат диҳад, ки аз ҳамаи қитъаи барои сохтмон ҷудошуда истифода намояд. Дар сурати ягон қитъаро насупоридан ба Лоиҳакаш ва бо ин сабаб қафо мондани корҳои лоиҳакашӣ дар ин сурат Фармоишгар бояд муҳлати шартномаро ба он муҳлате, ки қитъа супорида мешавад дароз намояд.

1.10. Баҳсҳо
1.10.1. Агар Лоиҳакаш чунин шуморад, ки қарори қабулнамудаи Фармоишгар аз доираи шартҳои шартнома баромадааст, метавонад аз болои қарори мазкур дар давоми 14 рӯзи аз лаҳзаи баромадани қарор ба суд мурочиат намояд.

1.11.Тартиби ҳалли баҳсҳо.

1.11.1.Фармоишгар ва Лоиҳакаш ҳамаи чораҳоро меандешанд, ки баҳсҳо ва гуногунфикриро оиди иҷроиши ӯҳдадориҳои шартнома бо роҳи сулҳомез ҳал намояд.
1.11.2.Агар баъди гузашти 21 рӯз аз рӯзи саршавии гуфтушунид оиди ҳалли баҳсҳо тарафҳо баҳсҳоро бо роҳи сулҳомез ҳал карда натавонанд, тарафҳо ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки баҳс мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардад.

1.12. Ҳуқуқи «Фармоишгар» ба манъ кардани кор.
1.12.1. Агар Лоиҳакаш ӯҳдадориҳои худро оид ба бартараф намудани камбудиҳои кор, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои шартномавӣ мувофиқат намекунанд иҷро накунад, инчунин муайян карда шавад, ки Лоиҳакаш то ба охир корро ба анҷом расонида наметавонад, Фармоишгар ва ё шахси ваколатдори ӯ метавонад бо тариқи хаттӣ оиди пурра манъ кардани кор ё қисми кор то бартараф намудани монеаҳо фармоиш диҳанд.

1.13. Ҳуқуқи «Фармоишгар» ба ислоҳи нуқсонҳои кори «Лоиҳакаш».
1.13.1. Агар Лоиҳакаш натавонад ё нахоҳад нуқсони корро ислон кардан ва дар давоми 7 рӯзи гирифтани огоҳинома аз тарафи Фармоишгар ба ӯ ба таври хаттӣ ҷавоб нагардонад Фармоишгар ҳуқуқ дорад баъди 7 рӯз талаби худро такрор намояд. Агар Лоиҳакаш дар давоми 7 рӯзи оянда ба ислоҳ намудани нуқсон қодир набошад Фармоишгар ҳуқуқ дорад бо қувваи худаш ин нуқсонро бартараф намояд. Дар чунин ҳолат фармони дахлдор дар бораи тағйирот дарҷ мегардад, ки мувофиқи он аз маблағе, ки ба Лоиҳакаш пардохт мегардад маблағи барои ислоҳи нуқсонҳо сарфшуда ва ҷуброни хароҷоти хизматҳои иловагии тарроҳ ва дигар хароҷотҳои зарурӣ тарҳ карда мешавад. Агар маблағи ба Лоиҳакаш таалуқдошта барои пушонидани хароҳотҳо кифоягӣ накунад Лоиҳакаш бояд аз ҳисоби маблағҳои худ тафовути онро пардохт намояд.

Моддаи 2. Назорати вақт

2.1. Ҷадвали иҷроиши кор.
2.1.2. Дар сурати аз тарафи Фармоишгар даровардани тағйироту илова ба ҷадвали корӣ дар ҷадвали кории нав тағйироти вақт ва маблағи ивазкардаи Фармоишгар нишон дода мешавад.
2.2. Дароз кардани мӯҳлати иҷрои корҳо.
2.2.1.Фармоишгар дар ҳолати фавқуллода ва ногувор (Форс-мажор), рад кардани пешниҳод ва корҳое, ки мӯҳлати иловагиро талаб мекунанд, мӯҳлати иҷрои корҳоро дароз менамояд.

Моддаи 3. Назорат аз болои сифат

3.1. Бартараф намудани нуқсонҳо.
3.1.1.Лоиҳакаш корҳои лоиҳакаширо аз рӯи ҷадвали тасдиқшуда ва меъёрҳои амалкунанда ба роҳ монда, сифатнокии онро таъмин намояд.
3.1.2.Лоиҳакаш хабарномаро оиди нуқсонҳо гирифта бояд дар мӯҳлати дар хабарнома нишондодашуда онро бартараф намояд.
3.1.3.Дар ҳолати иҷро накардани бандҳои 3.1.1. ва 3.1.4. арзиши масолеҳҳо ва ҳаҷми иҷроиши корҳо аз ҷониби Фармоишгар ба Лоиҳакаш пардохт карда намешавад.

Моддаи 4. Назорати арзиш.

4.1. Тағйироти ҳаҷми кор ва пардохти он.
4.1.1. Дар сурате, ки Фармоишгар аз Лоиҳакаш хоҳиши тағйир додани ҳаҷми корро кунад, Пудратчӣ вазифадор аст, ки арзиши иҷроиши корро пешниҳод намояд.
4.1.2. Фармоишгар метавонад ба ин нархгузорӣ барои корҳои иловагӣ розӣ нашавад ва барои ҷалб намудани дигар ташкилот баҳри иҷрои ин кор озмун даъват намояд.
4.1.3. Дар сурати бо ҳамин арзиш ба мувофиқа омадани Фармоишгар ва Лоиҳакаш барои корҳои иловагӣ ба Лоиҳакаш барои ин кор «супориш - фармоиш» дода мешавад. Дар «супориш-фармоиш» кор, ҳаҷми он, арзиши ҳар як кор ва арзиши умумии кор дарҷ карда мешавад. Арзиши корҳои дар «супориш-фармоиш» нишон додашуда ба арзиши шартнома илова карда шуда қисми ҷудонашавандаи он буда, иҷроиши он мувофиқи талаботҳои шартнома таъмин карда мешавад. Ҳаҷми кор метавонад зиёд ё кам гардад, лекин аз 15%-и арзиши ибтидоӣ зиёд буда наметавонад. Дар чунин ҳолат «супориш-фармоиш» метавонад арзиши умумии шартномаро зиёд ё кам кунад.

4.2. Иҷозатномаи музд барои пардохт (Иҷроиши нақша).

4.2.1 Лоиҳакаш ба Фармоишгар санад оиди корҳои иҷрошуда бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (борхат, ҳисобнома ва ғайра) барои пардохт пешниҳод менамояд.

4.2.2 Санад дорои ведомости арзиш ва ҷузъиётии қавии корҳои иҷрошуда мебошад.

4.2.3 Фармоишгар санади пешниҳодшударо тафтиш намуда, мувофиқи санади тасдиқнамуда пардохт менамояд.

4.3. Пардохти пешмузд.

4.3.1. Фармоишгар метавонад дар ҳаҷми маблаге, ки дар шартнома нишон дода шудааст ба Лоиҳакаш пешмузд диҳад. Лоиҳакаш бояд маблаги пешмуздро танҳо барои иҷроиши шартномаи мазкур сарф намояд.

4.4. Пардохти ҳармоҳа.

4.4.1. Дар сурати ба Лоиҳакаш пардохт намудани пешмузд, аз санади иҷроиши корҳои лоиҳакашии ҳармоҳа бо нигоҳдории пешмузди дар шартнома нишон додашуда пардохта мешавад.

4.4.2. Агар Фармоишгар ба Лоиҳакаш маблаг ҳаки хизматро дар мӯҳлати дар шартнома муайянгардида бесабаб пардохт накунад ба Лоиҳакаш дар ҳаҷми 0,05% аз ҳаки хизмат барои ҳар рӯзи дермонӣ вале на зиёда аз 10% ҳаҷми корҳои иҷрошуда, ҷарима пардохт менамояд. Пардохти ҷарима ба пардохти навбатӣ ҳамроҳ карда мешавад. Фоизи ҷарима аз рӯзе, ки бояд ҳаки хизмат ҳисоб карда мешуд то рӯзи пардохти навбатии ҳаки хизмат ҳисоб карда мешавад.

4.5. Пардохти ҷуброн.

4.5.1. Воқеаҳои зерин сабаби тағйир ёфтани давомнокии кор ё додани ҷуброни пулӣ ба Лоиҳакаш мегардад:

а) Фармоишгар ба Лоиҳакаш супориш медиҳад, ки барои гузаронидани таҳқиқ корро манъ кунад, ки дар шартнома ба нақша гирифта нашудааст. Агар таҳқиқи гузаронидашуда ягон нуқсонро ошкор накунад мӯҳлати таҳқиқи гузаронидашуда ба мӯҳлати шартнома илова карда мешавад.

б) Батаъхирандозии пардохти пешмузд

в) Дар сурати дар иншоот мавҷуд будани якчанд Лоиҳакаш, ки ҷадвали кориашонро Фармоишгар тартиб додааст ва ба иҷроиши Лоиҳакаш дар мӯҳлати шартнома таъсири манфӣ мерасонад.

4.6. Кафолат.

Лоиҳакаш ба Фармоишгар кафолат медиҳад, ки иҷрои корҳои дар шартнома нишон додашуда ба талаботи санадҳои меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои шартномавӣ ҷавобгӯ мебошад (бо истисноҳолатҳои дар ҳуҷҷатҳои шартнома гуфташуда).

4.7. Ҳуқуқи моликият ба натиҷаи кор.

4.7.1. Ҳамаи ҳуқуқҳо ба моликият ба натиҷаи корҳои дар рафти лоиҳакашӣ (лоиҳа) ба дастомада ба Фармоишгар тааллуқ дорад.

4.7.2.Лоиҳакаш ба Фармоишгар лоиҳро дар ҳаҷми 4 нусхаи чопӣ, ҳисоботҳои техникиро дар 4 нусхаи чопӣ, ҳамчунин дар шакли электронӣ (AUTOCAD, excel, indorCAD, PDF ва ғайра) пешниҳод мекунад.

4.8. Ҳолатҳои фавқуллода ва ногувор (Форс – мажор).

4.8.1. Дар сурати сар задании офати табиӣ, саршавии ҷанг ё ягон намуди ҳодисаҳои фавқуллода, ки онро на Фармоишгар ва на Лоиҳакаш назорат карда наметаванад иҷроиши шартнома манъ мегардад. Фармоишгар манъи шартномаро тасдиқ менамояд Лоиҳакаш дар мӯҳлати кутоҳтарин баъди гирифтани хабарнома оиди муваққатан манъ кардани кор дар иншоот корро манъ мекунад. Фармоишгар ҳаки тамоми корҳои иҷрошуда ва корҳои вобаста ба муваққатан манъ кардани корро ба Лоиҳакаш пардохт менамояд.

4.9. Анҷоми кор.

4.9.1.Лоиҳакаш баъди анҷоми тамоми корҳои дар шартнома пешбинишуда ба Фармоишгар оиди анҷоми кор хабарнома мефиристад.

4.9.2. Далели бартараф намудани корҳои нотамом санади охирини қабул ва ба истифодабарии иншоот (Санади Комиссияи Давлатӣ) мебошад.

4.10. Ҷарима барои риоя накардани мӯҳлати шартнома.

4.10.1. Ғайр аз ҳолатҳои фавкуллода ва ногувор (форс- мажор) агар Лоиҳакаш дар мӯҳлати дар шартнома нишондодашуда корро ичро карда натавонад, Фармоишгар дар доираи шартнома метавонад Лоиҳакашро ҷаримаи аҳдшиканӣ бандад.

Қисми II. ШАРТҲОИ МАХСУСИ ШАРТНОМА

Моддаи 5. Ҳуҷҷатҳои шартномавӣ.

Ҳуҷҷатҳои шартномавӣ аз шартномаи мазкур, ҳисобнома-пардохт, смета ё санади нуқсон, дар ҳолати зарурӣ бошад нақшаҳо, таснифот, иловаҳо, ки то мавриди амал қарор гирифтани шартнома, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дар шартнома номбаршуда, инчунин иловаҳои баъди мавриди амал қарор гирифтани шартнома қабулгардида иборат мебошад. Ҳуҷҷатҳои номбаршуда маҷмӯи ҳуҷҷатҳои шартномавиро ташкил мекунад ва қисми ҷудонашавандаи он мебошад. Шартномаи мазкур мувофиқаи пурра ва ҳаматарафаи тарафҳо буда ҳамаи гуфтушунидҳои хаттӣ ва даҳонии пешинаро бе эътибор менамояд, Номгӯи дақиқи ҳуҷҷатҳои шартномавӣ дар моддаи 13-и шартномаи мазкур оварда шудааст.

Моддаи 6. Таркиби шартномаи мазкур.

Лоиҳакаш ӯҳдадор аст, ки ичроиши ҳамаи корҳои дар шартнома нишондодашударо таъмин намояд ба истиснои он ҳаҷми коре, ки мувофиқи ҳуҷҷатҳои шартномавӣ барои ичроиш ба дигар ташкилот аз тарафи Фармоишгар супорида шудааст.

Моддаи 7. Мӯҳлати амали шартнома.

7.1. Мӯҳлати саршавии кор санаи мавриди амал қарор гирифтани шартнома мебошад. Ҳолати истиснои агар ба таври хаттӣ оиди санаи дигар Фармоишгар ва Лоиҳакаш ба мувофиқа оянд.

7.2. Лоиҳакаш вазифадор мешавад, ки ба охиррасии ҳамаи хизматрасониро то **31 декабри соли 2025** таъмин намояд. Мӯҳлат мумкин аст бо сабабҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои шартномавӣ бо даровардани тағйиротҳои дахлдор ба шартнома тағйир дода шавад.

Агар Лоиҳакаш шартҳои шартномаро дар мӯҳлати муайян намудаи шартнома ичро карда натавонад ба Фармоишгар ба маблаги 0,05 % аз маблаҳи умумии шартнома барои ҳар як рузи тақвимӣ ва на зиёда аз 10% маблаҳи умумии шартнома барои таваккуфи анҷоми кор ҷарима месупорад.

Моддаи 8. Маблаҳи шартнома.

8.1. Фармоишгар ӯҳдадор мешавад ба Лоиҳакаш барои ҳаҷми корҳои мувофиқи шартнома ичрошуда маблаҳи шартномаро дар ҳаҷм ва пуле, ки дар шартнома нишон дода шудааст бо илова ё доштани маблаҳ, ки дар ҳуҷҷатгузории шартномавӣ нишон дода шудааст пардохт намояд.

8.2. **Пардохти пешмузд.**

Фармоишгар ба Лоиҳакаш баъд аз 5 рӯзи ба имзо расидани шартнома пешмузд дар асоси амри Раиси шаҳри Душанбе аз 7 феврали соли 2025, №21 дар асоси ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо пешпардохт дар ҳаҷми **то 40 (чил) фоиз** пардохт менамояд. Пешмузд дар намуди нигоҳдорӣ аз пардохтҳои минбаъда ба пардохт (счёт-фактура) бозгардонда мешавад.

8.3. Арзиши умумии корҳо дар харҷномаи замимашуда муайян карда шудааст. (Замима №1.)

Моддаи 9. Пардохтҳои ҷорӣ.

9.1. Дар асоси санади корҳои ичрогардидае, ки Лоиҳакаш ба Фармоишгар пешниҳод менамояд Фармоишгар метавонад ба Лоиҳакаш давра ба давра аз ҳисоби маблаҳҳои шартнома то пурра ба анҷом расидани кор пардохт намояд.

9.2. Санаи аз 25-ум то 28-уми ҳар моҳ санад ва маълумотномаи шаклаш тасдиқшударо оид ба ҳаҷм ва арзиши корҳои ичрошуда пешниҳод намояд.

9.4. Ичозатнома ба пардохт (счет-фактура) дар асоси ведомости арзиши кор (санади фоизи ичроиши кор), ки Пудратчӣ мувофиқи шартҳои шартнома пешниҳод менамояд ҳисоби карда мешавад. Ведомости арзиши кор ҳамаи маблаҳи шартномаро бо тақсим намудан ба давраҳои алоҳидаи кор, ки бо Фармоишгар мувофиқа карда шудааст дар бар гирифтааст пешниҳод карда мешавад. Ведомости арзиши кор, ки онро Фармоишгар тасдиқ намудааст асос барои тартиб додани ичозатнома ба пардохт (счет-фактура) мебошад.

9.5. Ҳисобнома ба пардохт (счет-фактура) қисми ҳуҷҷатҳои шартномавӣ ва дорои маълумот (реквизит)-и бонкии Лоиҳакаш мебошад.

Моддаи 10. Пардохти пурра.

давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 15 марти соли 2023 таҳти №1955 мавриди амал қарор мегирад.

ФАРМОИШГАР:	ЛОИҲАКАШ:
МД «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев 3	Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муҳандисони роҳнамо» шаҳри Душанбе, хиёбони Ҷ.Расулов 9/1
РМА 020037260	РМА 040056462
БИК 350101800	БИК 350101626
Ҳ/кс 22402972000002	Ҳ/кс 20402972316264
Ҳ/ҳис 20204972221010100014	Ҳ/ҳис 20202972802066101000
Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	КВД БДА ҶТ «Амонатбонк»
Сардор А. Чумаҳонзода	Директор Оев С. А.